«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Муассисаи давлатии «Маркази илмию тадқиқотии ҳифзи захираи об»,
номзади илмҳои геология ва минерология
_________________ Н. Шерализода
«___» ________________ соли 2021

ТАҚРИЗИ

Муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии (МД) «Маркази илмӣ-таҳқиқотии ҳифзи захираи об»-и (МИТҲЗО) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҲМЗ назди ҲҶТ) ба диссертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геоденамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони шимолӣ)» аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – «Геоэкология», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география.

Бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муассисаи давлатии (МД) «Маркази илмӣ-таҳқиқотии ҳифзи захираи об»-и (МИТҲЗО) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи пешбар дар ҳимояи диссертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна таъин гардида, диссертатсия ва автореферати Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна ба Муассисаи давлатии (МД) «Маркази илмӣ-таҳқиқотии ҳифзи захираи об»-и (МИТҲЗО) Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-053 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 25.00.36-«Геоэкология», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда санаи 31 декабри соли 2020 пешниҳод шуда буд.

Диссертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геоденамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони шимолӣ)» аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – «Геоэкология», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон

Ғафуров зери роҳбарии доктори илмҳои география, профессор Муртазоев Уктам Исматович, дар асоси стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатарҳои таҳдидкунандаи офатҳои табиӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 164 аз « 30 » марти моли 2010 тасдиқ шудааст, таълиф гардида, он ба ҳалли яке аз масъалаҳои калидии ҳайёти имрӯзаи кишвар – омӯзишу муайян кардани ҳолатҳои фавқулода ва ба роҳ мондани системаи ҳимоя аз ин равандҳои хатарнокро дар мисоли минтақаи Тоҷикистони Шимолӣ баррасӣ менамояд.

Мавзуъи мазкур аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

Мутобикати мундариҷаи диссертатсия. Мазмун ва мундариҷаи дисертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геоденамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони шимолӣ)» пурра ба талаботҳои итисоси 25.00.36 – «Геоэкология» мутобиқат менамоянд. Дар рисола масъалаҳои геоэкологии Тоҷикистони Шимолӣ, хусусан проблемаҳои ташакулёбии равандҳою зуҳуротҳои хатарноки геологӣ, намуд ва окубати ин зарарҳо, инчунин тағийрёбии дараҷаи таъсиррасонии равандҳои мазкур вобата аз шароитҳои морфометрии минтакахо баррасӣ гардида, оид ба пешгӣ ва кам кардани таъсири манфии ин равандҳо хулосаҳои илмӣ пешниҳод гардида, фаъолиятҳои минбаъда муайян карда шудаанд.

Мубрамият ва зарурати таҳкикот. Дар асоси омӯзиши назариявии тадкикоти илмӣ муайян намудааст, ки мафҳумҳои “ҳолати фавқулодда”, “фалокатовариҳои техногенӣ ва табиӣ”, “офатҳои геодинамикӣ”, имконият намедиҳанд, ки вокеаҳои алоҳидаро бо мафҳум ва маънии ягона тасниф намояд. Дар сарчашмаҳои илмӣ дар тасвири воқеъаҳои фалокатовар истифодаи мафҳумҳои зиёд ба назар мерасанд. Дараҷаи (гурӯҳи) “ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои хафноки табиӣ” мафҳумҳои аз ҳама умумӣ буда, аз ҷиҳати давомнокии худ метавонанд ба фаъолияти ҳаётии одамон, иктисодиёт ва муҳити атроф таъсири манфӣ расонид. Аз ин лиҳоз дар диссертатсия мавҳуми “ҷараёнҳои геодинамикӣ”, ки ба ҳамаи равандҳои геологӣ ва хатарҳо зич алоқаманд аст истифода шудааст. Масъалаи омӯзиш ва паст кардани натиҷаи равандҳою зуҳуротҳои муҳандисӣ-геологӣ яке аз масъалаҳои калидӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои хусусияти табиию техногенидошта маҳсуб мегардад.

Таҳлили пурраи маводҳои бисёрсола оиди марҳилаи инкишофи муосири офатҳои геодинамикӣ, хатари экзогенӣ ва эндогении ногаҳонии

шимоли Тоҷикистон, ки бо зоҳиршавии ҳодисаҳои фаъоли метеорологӣ, сейсмикӣ, геофизикӣ, геодинамикӣ ва равандҳои геологӣ робитаи ногусастанӣ доранд гузаронида шудааст. Натиҷаи коркарди тадқиқотҳои саҳроӣ кори мустақилонаи унвонҷуъ буда, он саҳеҳу фаҳмо барои ҳимоя пешниҳод шудааст

Масъалаҳои дарҷгардида мубрамияти масъалаи мазкурро иникос менамоянд.

Тавсифи сохтор ва мазмуни диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оиди дар амал истифода бурдани натиҷаҳои бадастомада, феҳристи адабиётҳо, иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 188 саҳифаи матни компютерӣ ташкил менамояд, ки дар он 5 ҷадвал ва 23 расм ҷойгир карда шудаанд. Феҳристи адабиётҳо аз 140 номгуй иборат мебошад. Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшуда ҳам қисмати назариявӣ ва ҳам қисмати амалӣ ва натиҷаҳои асосии муаллифро иникос менамояд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия 26 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 13 дар нашриёте, ки аз тарафи КОА назди президенти ҶТ барои ҳимояи рисолаи номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гаридаанд.

Дар боби якум - “Асосҳои назариявӣ шаклёбии ҷараёнҳои табиӣ” номгузорӣ шудааст, хусусиятҳои хоси шаклёбии ҷараёнҳои табиӣ, марҳилаи муосири инкишофи ҳодисаҳои геодинамикӣ, омилҳое, ки инкишофи ҷараёнҳои лағҷишӣ ва фурӯғалтиро муайян мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Марҳилаи муосири инкишофи хатарҳои геодинамикӣ дар доираи зуҳуроти фаъоли ҳодисаҳои геодинамикӣ, географӣ, геофизикӣ, сейсмикӣ ва метеорологӣ, ки сабабгори хатарҳои фавқулоддаи регионалӣ ва маҳаллӣ, эндогенӣ ва экзогенӣ гардидааст.

Дар ҷараёни тадқиқот аз ҷониби унвонҷу релефи геоморфологию географӣ ва геодинамикаи муосир бо истифода аз усули экспедитсионӣ, яъне мушоҳидаҳои бевосита ва тадқиқоти экспедитсионӣ дар давоми як мавсими саҳроии ҷараёнҳои релефҳосилкунанда муайян карда шудаанд. Мақсади тадқиқот муайян намудани хатарҳои экзогенӣ буда, инчунин ҷараёнҳои гравитатсионӣ, нишебиҳои лағжишӣ, сангреза фурӯғалтӣ, инчунин вайроншавии (денудатсияи) водиҳои дарёҳои Исфара, Қаромазор, Мугул ва дигар ҳудудҳо мебошад, ки натиҷаи тадқиқот дар расми 1 ва 2 оварда шудааст.

Дар боби дуюм -“Ҳолати муосири инкишофи ҳодисаҳои геодинамикӣ, эндогенӣ ва экзогении” ҳудудҳои фаъоли сейсмикӣ ва

оқибатҳои хатарноки ҷараёнҳои ноустувор, мафҳуми хатарнокии фаъоли геодинамикӣ ва системаи ченкунии харакати сатҳи нишебиҳо муфассал омӯхта шудааст. Ҳаракатҳои тектоникӣ ба инкишофи марҳилаи муосири хатарҳои геодинамикӣ ибтидо гузоштааст, ки географияи пайдоиши офатҳои табиӣ дар асоси тадкиклтҳои саҳрои ва маълумотҳои КҲФ ва МГ барои солҳои 2017 – 2018 (расми 4) мисол оварда шудааст.

Ҳангоми заминларзаҳои харобиовар пайдоишҳои сейсмогравитатсионӣ ба вуҷуд меоянд, ки дар мисоли заминларзаи Кайроқум (1985) оқибатҳои бевосита ва бавоситаи таъсири офатҳои геодинамикӣ (расми 5) дар ноҳияи Хуҷанд (ҳоло ноҳияи Б. Ғафуров) пурра таҳлил гардидааст.

Оқибатҳои ҳалокатовариҳои бевосита - вакте ки бо ҳалокати одамон, ҷароҳати рӯҳӣ ё ҷисмонӣ мерасонад, ба гум кардани сарпаноҳ меорад, дараҷаи муқаррарии фаъолияти ҳаёти одамонро вайрон мекунад ва ғ. Бавосита - оқибатҳои иҷтимоӣ – ҳалокатоварӣ, ин дигаркунии ҷиддии харобоварии (катаклизмаи) табиӣ авҷгирии эпидемияҳо, вайроншавӣ, аз нав бавуҷудоварии аҳолӣ ва чун оқибат, пастшавии дараҷа ва сифати ҳаёти одамон, ки дар ҳудуди мазкур зист доранд.

Унвонҷу илова ба ҳисобкунии алгоритми сангрезаҳо, ҳудудҳои ноустувори ҷараёнҳои табиӣ дар нишебиҳо ва обектҳои техногенӣ, ки муҳити геоэкологиро (расми 7) ноустувор мегардонад, муайян карааст (расми 8). Дар вақти бурдани тадқиқотҳои саҳрои хулоса мебарорад, ки норасоии маълумоти мушаххас ҳанӯз дар омӯзиши равандҳои геодинамикии нишебиҳо мавҷуд аст.

Дар боби сеюм, асосҳои географии тадқиқоти ҳодисаҳои офатҳои табиӣ ва оқибатҳо он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Фалокатовариҳои селӣ ва тармаҳо, хусусиятҳои инкишофи ҳодисаҳои табиии метеорологӣ, ташкили системаи ҳимояи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар шимоли Тоҷикистон ба таври васеъ омӯхта шудааст (расмҳои 7,8,9). Мушоҳидахои гузаронидаи унвонҷӯ дар сойҳои кӯҳии ҷанубии Қурама нишон медиҳад, ки давомнокии гузаштани сел асосан аз 1- 3 то 12 соат ва аз он зиёд мешавад. Зичии селҳои равон аз 1,1 то 1,5 т/м$^3$, ғайри равон- аз 1,4 то 2,0 м/т$^3$. Сарфи зиёдтарини селобаҳои селӣ ҳазорҳо м$^3$/т, баъзан млн. м$^3$/т, ҳаҷми ҷамъи маводи сахти оборард- даҳҳо млн м$^3$, калонии пораҳои овардашуда дар (с.1999) деҳаи Даҳанаи ноҳияи Ашт 4- 5 м (дар кӯндаланг), вазн- наздик 50- 100 т- ро ташкил намудааст муайян кардааст.

Бояд зикр намуд, ки дар охири ҳар як боби диссертатсия хулосаҳо бароварда шудааст, ки мазмун, мундариҷа ва натиҷаи тадкикоти бисёрсолаи аспирантро мефахмонад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои зерин таҳлил гардидааст: -баҳо додан ба хатарҳои геодинамикии муосир, ки пайдоиш ва инкишофи он бо ҷараёнҳои экзогенӣ алоқамандӣ доранд; - таҳлили тағйирёбии мусоид ва номусоид оид ба идора кардан ва пешгирии таназзули ҳудудҳо; - мушахаскунии нишондодҳои оморӣ, барои тадкиқотҳои гузаронида-шаванда, ки оқибатҳои иҷтимоӣ-иктисодӣ ҳалокатовариҳои геодинамикиро тавсиф медиҳанд, пешниҳоди роҳу усулҳои баҳодиҳии бавоситаи оқибатҳои иқтисодӣ; - баҳодиҳии ҳолати муосири хавфҳои геодинамикӣ дар шароити пурзӯршавии офатҳои табиӣ; - муайян кардани бузургии (параметри) маҳалли регионалии хафноки пайдоиши хатари фурӯғалтию лағҷиш ва ярч; - тартиб додани феҳрасти (рӯйхати) оқибатҳои иҷтимоӣ - иктисодии ҳодисаҳои фалокатовари табиӣ дар вилояти Суғд.

Навгонии илмии натиҷаҳои таҳкикот. Маълумотҳои саҳроӣ, мушоҳида (мониторинги маҳаллӣ), натиҷаҳои экспедитсияҳои илмӣ-тадкиқотӣ ба диссертант имконият додааст, ки аввалин маротиба феҳристи офатҳои табиӣ тартиб дода шудааст: - ҳолати ноустувории ҳудудҳо муайян карда шуда, устувории нишебиҳоро ба ноустуворӣ меоранд, ки ин барои нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳои Туркистон ва нишебиҳои шимолии Зарафшон хос аст: - рафтори тафриқавӣ, баҳодиҳии инкишофи офатҳои табиии геоморфологӣ, географӣ дар ноҳияҳои маъмурӣ асоснок карда шудааст, ки онҳо ба қурбонии сершумори инсонӣ, вайроншавии хонаҳои истиқоматӣ, иншоотҳо ва талофоти бузурги иҷтимоӣ иктисодӣ оварда мерасонанд; - объектҳо муайян ва таҳқиқ карда шудааст, ки мониторинг дар навбати аввал ба мақсади огоҳонидани ҳолатҳои пайдо шудани фалокатовари табиӣ дар ҳудуди шимоли Тоҷикистон лозим заруpаст.

Нуктаҳои ҳимояшаванда. Дар кори диссертатсиони унвонҷу пешниҳод кардааст, ки нуктаҳои пешниҳодшавада бо пурраги мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ва авторефератро таъмин мекунад:

- геодинамика хатарҳои табииро фаъол гардонида ҳолатҳои фалокатовариҳоро хуруҷ мекунонад - заминларзаҳо, ярч ва селобаҳои селӣ, ҷараёнҳои нишебиҳо ва гравитатсионӣ, лағҷишҳо, сангғалтиҳо, эрозияи хаттӣ, ки онҳо дар шароити кӯҳи Тоҷикистон аз ҳодисаҳои экзогенӣ ва эндогенӣ вобаста мебошанд;

- хатарҳои геодинамикӣ ба инкишофи иқтисодиёти вилояти Суғд дар сатҳи маҳаллӣ ва регионалӣ таъсири муайянкунанда мерасонанд. Қувваҳои вайронкунандаи селобаҳои селӣ ва ярчӣ, сангғалтиҳо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ ба оқибатҳои бузурги иҷтимоӣ - иқтисодӣ оварда мерасонанд, ба таври бевосита - талофоти аҳолӣ ва сарватҳои молӣ, ба таври бавосита – ноустувории ҳолати иқтисодӣ;

- ҳолати муосири хатарҳои геодинамикӣ дар шароити афзоиши босуръати офатҳои табиии геоморфологӣ, географӣ, метеорологӣ дар ноҳияҳои маъмурӣ, ки онҳо ба талафоти сершумори одамон, вайроншавии хонаҳои истиқоматӣ ва иншоотҳо зарари бузурги иҷтимоӣ - иқтисодӣ оварда мерасонанд, рафтори тафрикавии баҳодиҳиро талаб мекунанд;

- вобаста бо аз худкунии ҳудудҳои кӯҳӣ дар самти амудӣ масъалаҳои инкишофи устувори хоҷагии халқ мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд ва таҳлили маҷмӯии гузаронидашуда имконият медиҳад, ки тадқиқотро оид ба пешгӯии хатарҳои геодинамикӣ ва таъсири хусусиятҳои хоси метеорологӣ ба шиддатнокии ҳолатҳои фалокатоварии табиӣ оғоз карда шавад.

Ҳамин тавр муаммои гузошташудаи Абдураҳимова М.М. нишон медиҳад, ки маводҳои чопшуда оиди равандҳо ва хактарҳои геодинамикӣ, бораи шимоли Тоҷикистон номукаммал буда бо пурраги омухта нашудааст. Аз ҳамин сабаб ҳам зарурияти пурра, хаматарафа таҳлил намудани хатарҳо, офатҳои геодинамикӣ, ки миқдори зиёди заминҳои вайроншударо бавуҷуд меорад ба иқтисодиёт ва хоҷаги халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарраи моддӣ, мавнавӣ ва иқтисодӣ мерасонад баррасӣ нагардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ-амалии диссертатсияро муаян намуд, ки нуқтаҳои ҳимояшаванда, хулосаю тавсияҳои пешниҳодгардида бо боварии том асоснок карда шудааст, дар дараҷаи хуб буда, истифода аз корҳои саҳроӣ ва озмоишию санҷишӣ ба анҷом расонида шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалию иқтисодии таҳқиқот. Барои беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои геоэкология, геология ва география дар соҳаи хатарҳои геологӣ ва геодинамикӣ хизмат мекунад. Инчунин натиҷаҳои ба дастомадаи тадқиқот дар навиштани ҳисоботи барномаи мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 - 2015 (қайди№0102 ТД 969 аз 13.04 2011 солҳо, ҳисоботи 0216 TJ 01739 аз 08. 12.16 с., №936/ 01.3 3/и, Душанбе, с.2016., 184с.) ва барои солҳои 2017-2021 (қайди№0117 TJ 00843 аз 20.10.2017 с.) мавриди истифода қарор

дода шудааст. Маводи тадқиқот метавонад дар кафедраҳои географияи табиӣ, геоэкология, географияи иқтисодии факултети геоэкологияи ДДХ ба номи Б. Ғафуров дар омӯзиши фанни “Офатшиносӣ” истифода мешавад.

Норасогиҳо ва камбудиҳои диссертатсия

1. Матни рисола ниҳоят душворфаҳм навишта шуда, калима ва мафҳумҳои камистеъмол ва духурамаъно истифода шудаанд. Бо назардошти яке аз аввалин таҷрибаҳои иншои рисолаи илмӣ дар соҳаи заминшиносӣ бо забони тоҷикӣ мебошад эродҳои мазкурро метавон ба инобат нагириф.

2. Дар матни рисолаи диссертатсионӣ дар бораи хатарҳои геодинамикии пастхамиҳои ҳавзаи обҷамъшавии сойҳои хурди қисмати ҷануби қаторкуҳи Қурама маълумоти пурра дода нашудааст.

3. Номутобиқатии рақамгузории адабиётҳо дар мант ва руйхати адабиёбтҳо (саҳ. 101, 102, 152, 163, 164) мушоҳида мешавад.

4. Муаллифи харитаҳои дар рисола овардашуда ва сарчашмаҳои онҳо нишон дода нашудаанд.

5. Дар зермавзуъи 3.2, ки “Хусусиятҳои метеорологии инкишофи ҳодисаҳои табиӣ" номгузорӣ шудааст, ки дар он танҳо ҷараёнҳои бодӣ ва равандҳои ба он алоқаманд тавсифшуда, расми 3.2.1. ҷараёнҳои геодинамикиии шимоли Тоҷикистон – соҳили рости дарёи Сирро иникос менамоянд. Тавсиф ва омӯзиши равандҳои метеорологие чун боришоти атмосферӣ, ки дар ташаккулёбии равандҳою зуҳуротҳои геодинамикӣ (ҷараёнҳои селӣ ва ярчӣ) нақши назаррас доранд сарфи назар шудаанд.

6. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия (саҳ. 55, 56, 59, 61, 70) хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.

Камбудиҳои ошкоргардида хусусияти бунёдӣ надоранд ва дараҷаи илмии диссертатсияро коҳиш дода наметавонанд.

Мувофиқати автореферат ба мазмуни диссертатсия. Автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмӯъ тамоми мундариҷа ва муқарраротӣ асосии кори илмии М.М. Абдураҳимоваро инъикос мекунад. Хулоса бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷиҳати мазмун якхела буда пурра ба ихтисоси 25.00.36- геоэкология.

Хулоса. Диссертатсияи пешниҳодшуда дар мавзӯи: “Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)” аз рӯи тадқиқотҳои геодинамикӣ ва нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳое, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, пурра ҷавобгӯ аст. Ба рамзи

нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳое, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, пурра ҷавобгӯ аст. Ба рамзи Шӯрои диссертотсионии 6D КОА - 053 мувофиқат мекунад ва муаллифи кори диссертатсионӣ Абдурахимова Мавзуна Мухсиновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология арзанда аст.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи (Шурои илмии) Муассисаи давлатии «Маркази илмӣ - таҳқиқоти ҳифзи захира об»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва муҳокима карор дода шуд.

Суратҷаласаи № 2 аз 17 феврали соли 2021.

Раис: ҷонишини директор
оид ба корҳои илмии МД “МИТҲЗО”–и
КҲМЗ назди ҲҶТ, н.и.г.-м. Саидов С.М.

Ташхисгар: директори МД “МИТҲЗО”–и
КҲМЗ назди ҲҶТ, н.и.г.-м. Шерализода Н.Ш.

Котиб: ходими илмии МД “МИТҲЗО”–и
КҲМЗ назди ҲҶТ Турсунов У.А.

*Суроғаи хизматӣ:*734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Шамсӣ 5/1. Тел.: (+992 37)236-40-59; Факс: (+992 37) 236-13-53

Имзоҳои Шерализода Н.Ш., Саидов С.М.
ва Турсунов У.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши корҳои МД “МИТҲЗО”–и
КҲМЗ назди ҲҶТ Бобокалонова Х.Т.